# ФАРМОИШИ
# РАИСИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

аз «02» 02 соли 2026 № 49/ииg ш. Душанбе

Дар бораи қатъ кардани фаъолияти шурои диссертатсионӣ

Мутобиқи сархати понздаҳуми банди 9 ва сархати чоруми банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри 2021, №270, банди 7 ва сархати якуми банди 121 Низомномаи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудаанд, фармоиш медиҳам:

1. Бинобар риоя накардани талаботи бандҳои 31, 32, 33, 35, 42 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) дар мавриди баррасии диссертатсияҳои Султонов Муҳаммадато Исоевич, Шодиева Фархунда Тоҷиддиновна, Қаландарзода Сарабек Давлатёр ва Абдурраҳимзода Бахтиёр Абдурраҳим, фаъолияти шурои диссертатсионии 6D.КОА-020 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қатъ карда шавад.

2. Шуъбаи аттестатсионии илмҳои гуманитарӣ (Самариддини Ҷамол) дар муҳлати то 10 рӯз нусхаи фармоиши мазкурро дар сомонаи Комиссия ҷойгир намояд.

3. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Мумин Шарифзода вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 январи соли 2026, № 2

Раис Сайфиддин Давлатзода

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ